# Худоён ва подшоҳон



Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2021

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.


ПАРВАРДИГОР ДОВУДРО, КИ ЧӮПОНИ ҶАВОН БУД, ДАЪВАТ НАМУД, КИ РАМАИ ИСРОИЛРО РОҲНАМОЙ КУНАД.
ХУДО ДОВУДРО БАРАКАТ ДОД ВА ПОДШОҲИИ ИСРОИЛРО ХЕЛЕ ВАСЕЪ НАМУД.
ПИСАРИ ПОДШОҲ ДОВУД, СУЛАЙМОН, ПАС АЗ ДОВУД ПОДШОҲӢ МЕКАРД. ЗАНҲОИ АҶНАБИИ СУЛАЙМОН ДИЛИ ӮРО АЗ ПАРВАРДИГОР ДУР КАРДАН ГИРИФТАНД.
ХУДО АЗ ДАСТИ СУЛАЙМОН ВА АВЛОДАШ ГИРИФТАНИ ПОДШОҲИРО САР КАРД.
АММО БА ХОТИРИ ДОВУД ХУДО ЯК СИБТРО БА АВЛОДИ Ӯ БОҚӢ ГУЗОШТ – КИ АЗ ОН БОЯД МАСЕҲИ ВАЪДАШУДА МЕОМАД.
ПАС АЗ МАРГИ СУЛАЙМОН ПОДШОҲИИ ИСРОИЛ ДУ ТАҚСИМ ШУД: ИСРОИЛ ВА ЯҲУДО. ОН ДИГАР ҲЕҶ ГОҲ ТАВОНОӢ ВА ЯГОНАГИИ ХУДРО БАРҚАРОР НАКАРД.
САҲИФАҲОИ ЗЕРИН ДАР БОРАИ РӮҲАН ВА ҶИСМАН ФУРӮ ҒАЛТИДАНИ ИСРОИЛ ҲИКОЯТ МЕКУНАНД.
I I I Подшоҳон 11:13

# ХУДОЁНИ ДУРӮҒИНИ АҲДИ ҚАДИМ




НАННА – ХУДОИ МОҲ ДАР УРИ КАЛДОНӢ
КИ ИБРОҲИМ ПЕШ АЗ РУҶӮЪ КАРДАНАШ ОНРО ПАРАСТИШ МЕКАРД
Еҳушаъ 24:2
МӮЛИК – ХУДОИ АММӮНИЁН
1 Подшоҳон 11:7, 2 Вақоеънома 28:14, 33:6
АШТОРЕТ – ХУДОИ КАНЪОНӢ, ЗАНИ БААЛ
1 Подшоҳон 7:3-4
ГӮСОЛАИ ТИЛЛОӢ ДАР ДОН ВА БАЙТ-ИЛ
1 Подшоҳон 12:28-31


БААЛ – ХУДОИ ОЛИИ КАНЪОН
3 Подшоҳон 18:17-40, 4 Подшоҳон 10:28, 11:18
РИММӮН – ХУДОИ АРАМИИ НААМОНИ МАХАВӢ
4 Подшоҳон 5:15-19
МАРДУК – ХУДОИ ОЛИИ ПАНТЕОНИ БОБИЛӢ
Ирмиё 50:2
ТАММУЗ – ШАВҲАР ВА БАРОДАРИ АШЕРА/ИШТАР, ОЛИҲАИ СЕРҲОСИЛӢ
Ҳизқиёл 8:14


НИСРӮК –
ХУДОИ АШШУРИИ
САНҲЕРИБ
4 Подшоҳон 19:37
НАБӮ –
ХУДОИ БОБИЛИИ
ҲИКМАТ ВА
АДАБИЁТ
Ишаъё 46:1
ҲАЙКАЛИ
ТИЛЛОИИ
НАБУКАДНЕСАР
ДАР ВОДИИ ДУРО
Дониёл 3

# ПОДШОҲОНИ ИСРОИЛ (подшоҳии тақсимшуда)

Ҳамаи санаҳо пеш
аз милод мебошанд


Ёробъоми I
931-913


Нодоб
910-909


Баъшо
909-886


Тибнӣ
885-880


Омрӣ
885-874


Еҳу
841-814


Еҳӯоҳоз
814-798


Еҳӯош
798-782


Шаллум
752


Менаҳем
752-742


Эло
886-885


Зимрӣ
885


Аҳъоб
853-852


Аҳазё
853-852


Еҳӯром
852-841




Ёробъоми II
793-753


Закарё
753


Фақаҳё
742-740


Фақаҳ
752-732


Ҳушаъ
732-722

# Подшоҳони Яҳудо (подшоҳии тақсимшуда)

Ҳамаи санаҳо пеш аз милод мебошанд






III Подшоҳон 12: III - IV Подшоҳон 25:21; II Вақоеънома 10:1- 36:21






III Подшоҳон 12:1-8




III Подшоҳон 12:9-18












III Подшоҳон 12:21-28


Ман бояд боэҳтиёт бошам, вагарна мардум вориси Довудро подшоҳи худ кардан хоҳад хост.
Агар онҳо ба Уршалим ба парастиш рафтан гиранд, пурра имконпазир аст, ки ба тарафи Раҳабъом гузашта, ӯро ба ҷои ман подшоҳи худ интихоб мекунанд.
Барои парастиш ба Уршалим рафтан мушиклоти зиёд дорад; Акнун ин гӯсолаҳо худоёни шумо мешаванд – онҳо шуморо аз ғуломӣ дар Миср баровардандǃ
Подшоҳ ба мо идҳои худамон ва коҳинони худамонро медиҳад.
Ӯ хато мекунад …
Худо ба мо дар бораи он ки кай ид кардан даркор аст, фармудаҳо додааст, ба аз рӯи шариат фақат фарзандони Ҳорун коҳинон буда метавонанд.
Агар кор ин тавр рафтан гирад, ба қарибӣ ҳар кас коҳин шуда метавонад.
Гуноҳи Ёробъом ва мувофиқи фармудаи Худо парастиш кардан нахостан сабаби фурӯ ғалтидан ва ҳалокати Ёробъом гардид.






III Подшоҳон 13:1-6




III Подшоҳон 13:6-19


Парвардигор мегӯяд: "Азбаски ба фармудаи равшани Ӯ беитоатӣ кардӣ, ва дар маконе ки дар бораи он Ӯ ба ту гуфта буд: «Нон нахӯр ва об нанӯш», ту нон хӯрдӣ ва об нӯшидӣ, ҷасади ту ба мақбараи падаронат дохил нахоҳад шуд".
Зудтар биёед – пайғамбар кушта шудааст!
Оҳ, бародарам …
Вақте ки бимирам, маро дар мақбарае ки марди Худо дар он дафн шудааст, дафн кунед, устухонҳоямро назди устухонҳои вай бимонед.
Зеро сухане ки вай дар бораи қурбонгоҳи Байт-Ил ва дар бораи ҳамаи баландиҳои шаҳрҳои Сомария мувофиқи сухани Парвардигор гуфта буд, ҳатман ба амал хоҳад омад.


Ҳатто баъд аз ин воқеа Ёробъом аз роҳи бади худ нагашт … ва писари ӯ бемор шуд.
Писарамон хеле бемор аст – мо бояд ягон кор кунем.
Намуди худро дигаргун соз ва ба Шилӯ назди Аҳиёи пайғамбар рав – ӯ ба ман гуфта буд, ки бар ин қавм подшоҳ хоҳам шуд.
Даҳто нон, ва кулчаҳо, ва кӯзаи асал гирифта, назди ӯ рав ва аз ӯ пурс, ки оё ҷавон сиҳат мешавад.
Пайғамбар Аҳиё пиртар шуда, гашмоанш нобино шуда буданд.
Ва Парвардигор ба Аҳиё ошкор намуд, ки малика худро каси дигар вонамуд карда меояд, то дар бораи писараш, ки бемор аст, аз ту пурсад – ва Парвардогор ба ӯ гуфт, ки чӣ ҷавоб диҳад.
Эй зани Ёробъом, дохил шав! Чаро ту худро ношинос вонамуд мекунӣ?
Ман барои ту хабарҳои ғамангез дорам.
Ин паёми Парвардигор Худои Исроилро ба шавҳарат расон: «Ман туро аз миёни қавм сарафроз кардам, ва туро бар қавми Худ Исроил подшоҳ таъйин намудам».


Ва мамлакатро аз хонадони Довуд пора карда гирифтам, ва онро ба ту додам, вале ту мисли бандаам Довуд набудӣ, ки вай аҳкоми Маро риоя мекард.
Ва ту аз ҳамаи онҳое ки пеш аз ту буданд, бадтар рафтор кардӣ; ту бутҳои рехтае барои худ сохтӣ, то ки Маро бо гӯсолаҳои тиллоят ба ғазаб оварӣ.
Азбаски ту маро эътироф кардан нахостӣ, бар хонадони ту фалокат меоварам ва ҳамаи писаронатро нобуд мекунам – ин ҷавони беморро ва ҳамаи писарони солиматро.
Ман насли туро тамоман нест мекунам, чунон ки нопокиро рӯфта мепартоянд.
Ман қасам мехӯрам, ки аз оилаи ту ҳар касе дар шаҳр бимирад, вайро сагон хоҳанд хӯрд, ва ҳар кӣ дар саҳро бимирад, вайро мурғони ҳаво хоҳанд хӯрд.
Бархоста, ба хонаи худ рав; пойҳоят ба шаҳр расидан замон кӯдак хоҳад мурд; ва тамоми Исроил барои вай навҳа хоҳанд кард.
Танҳо вай аз аҳли оилаи ту бо осоиш ба мақбара дохил хоҳад шуд, чунки Парвардигор Худои Исроил танҳо дар вай аз хонадони Ёробъом чизи хубе дидааст.
Парвардигор барои Худ подшоҳе бар Исроил таъйин хоҳад намуд, ки вай хонадони Ёробъомро нобуд хоҳад кард.
Парвардигор Исроилро зарба хоҳад зад, ва онҳо мисли найе ки дар об мекалавад, хоҳанд буд.
Исроил онҳоро ба он тарафи дарё пароканда хоҳад намуд…
…чунки онҳо бутҳоро парастиш карда, Парвардигорро ба ғазаб оварданд.
Ӯ Исроилро таслим хоҳад намуд, ба сабаби гуноҳҳои Ёробъом, ки вай худаш гуноҳ кард, ва Исроилро гирифтори гуноҳ гардонид.




III Подшоҳон 14:17-25


Ҳамаи ганҷҳои маъбад, хонаи подшоҳ ва ва ҳамаи сипарҳои тиллоро гиред.
Онҳо қасри маро оро хоҳанд дод.


Бигузор подшоҳ равад. Мо бармегардем – бо бори ҳамаи ганҷҳои Уршалим.
Ин барои подшоҳи онҳо дарсе мешавад.


Пас аз он ки подшоҳ Шишак Раҳабъомро аз сарват маҳрум намуд, ӯ сипарҳои мисин сохт, то ки сипарҳои тиллоро иваз намоянд.
Баъд ӯ вафот кард – ва писараш ба тахт нишаст.


Абиё ворисӣ падари худ Ёробъом шуд, ва ба монанди падараш, дили ӯ ба Парвардигор бахшида нашуда буд.
Ливотагарон ва сутунҳои Ашера дар баландиҳо метавонанд дар сарзамин бимонанд. (1).
(1) Баландиҳо ҷойҳои парастиши бутпарастон буда, дар он ҷо қурбониҳои ҳайвонот, қурбониҳои одамӣ меоварданд, зино мекарданд, бухур месӯзонданд.
Онҳо саркоҳиноне доштанд, ки онҳоро ба парастиши Баал ва Ашера, ва низ худои офтоб, моҳ ва ҳамаи ситораҳои осмон роҳнамоӣ мекарданд. (2)
[(2) Дар баландиҳо сутунҳои серҳосилии ифодакунандаи олиҳаҳои серҳосилӣ ва дигар худоён буданд.
Дар тӯли зиндагии Абиё байни Яҳудо ва Исроил ҷанг мерафт.
Аммо Худо роҳ дод, ки ӯ се сол бар тахт бимонад, ва баъд ӯ мурд.
Худо ба ӯ Осо ном писар дод, ки қарор дод бо роҳҳои падараш наравад.






III Подшоҳон 15:1-9, 25-28




III Подшоҳон 15.27-16.4






III Подшоҳон 15:16-22




III Подшоҳон 15:23-24; 16:6-10






III Подшоҳон 16:11-30


Баъзе исроилиён Тимнӣ ном шахсро тарафдорӣ мекарданд – аммо Омрӣ ва пайравонаш ба зудӣ ин исёнро пахш карданд ва Тимнӣ мурд.
Омрӣ ҳамчун сарвар бо ду чиз дар ёд монд:
Аввалан, ӯ кӯҳеро харида, сохтмони шаҳри Сомарияро сар кард.
Дуюм ва бадтарин –ӯ боиси ғазаби Худои Исроил шуд.
Ӯ дувоздаҳ сол ҳукмронӣ намуд ва мардуми Исроилро ба бутпарастии оммавӣ роҳнамун сохт.
Пас аз вафоти Ӯ писараш Аҳъоб вориси ӯ шуд, ки барои ҳамеша чун подшоҳи бешарафи Исроил дар ёд монд…








**SUPERBIBLE.TV**